# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСӢ

ба таҳқиқоти диссертатсионии Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ, профессор Балхова Светлана Якубовна (раис), доктори илмҳои педагогӣ, профессор Гусейнова Татьяна Владимировна ва доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷазод Саидмурод рисолаи диссертатсионии Султонова Сурайё Абдурашидовнаро дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, барасӣ намуда, ба чунин хулоса омадааст:

*Мубрамияти таҳқиқоти диссератсионӣ.* Диссертатсияи Султонова С.А. ба яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълими забони хориҷӣ – проблемаи ташаккули таҳсилоти касбӣ бахшида шудааст. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он зоҳир мегардад, ки тағйироти куллӣ дар ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мактаби олӣ масъалаи омодагардонии кадрҳоеро гузошт, ки дараҷаи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбиро фаро гирифта, барои худтатбиқсозӣ ва кор дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ қобилият доранд. Рақобатпазирии мутахассиси асри XXI ҳам ба ихтисоси оянда азхуд намудани донишҷӯ ва ҳам ба фарҳанги гуманитарӣ, тафаккури инкишофёфта, тарбиятнокии ӯ вобаста мебошад. Доктринаи миллии таҳсили техникӣ ба сифати яке аз

принсипҳои ташаккули талабот ба фаъолияти техникии мутахассиси оянда, инчунин мундариҷаи таҳсилоти техникӣ тамоюли ахлоқӣ-гуманитариеро мепазирад, ки он таваҷҷуҳи хосаро ба мушкилоти дорои аҳамияти умуминсонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ба таҳлили масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоии мутахассисониояндаи техникӣ барои пайомадҳои фаъолияти касбӣ пешбинӣ мекунад.

*Аҳамиятнокии таҳқиқот бармеояд* аз натиҷаи мушоҳида ва таҳлилҳои муносибатҳо ба татбиқсозии ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангии мундариҷаи таълими дорои тамоюли касбии забони хориҷӣ; коркард нашудани проблемаҳои мураттабӣ ва муттасилии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар шароитҳои муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ; номавҷудии таъминоти созгори методӣ ва дидактикӣ дар ҷараёни рушди иҷтимоӣ-фарҳангии шахсият дар ҷараёни таълими касбии забони хориҷӣ; методҳои анъанавии таълим, ки омодагардонии донишҷӯёнро ҷиҳати ҳамкории байнифарҳангӣ дар соҳаи шарикии корӣ дар сатҳи байналмилалӣ таҳрик намебахшанд. Дар баробари ин, ҳамгироии босуръати иқтисодии мамлакатҳо дар тамоми ҷаҳон ҳолати гуногуншаклии забонӣ ва фарҳангиро дар ҳама сатҳҳои шарикии корӣ ба амал овард ва ба зарурати ташаккули асоси умумии фарҳанги корӣ, ки аз маҷмӯи арзишҳои бунёдии ахлоқӣ иборат мебошад, оварда расонид. Мутаассифона, аҳамияти омодагии иҷтимоӣ-фарҳангиро миқдори ками донишҷӯён дарк менамоянд ва донистани забони хориҷиро ҳамчун воситаи муошират барои фаъолияти байналмилалӣ кофӣ мешуморанд.

Бо назардошти муҳим будани мавзӯи зерин, зарурати воқеии таҳқиқи мавзӯи илмӣ таткиқотии «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби муҳаққиқ ба вуҷуд омадааст.

*Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур* аз коркарди назариявӣ ва санҷиши озмоишии модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техникӣ иборат аст.

*Объекти таҳқиқотро* раванди инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии таъминкунандаи таълими тамоюли касбии забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

*Мавзӯи таҳқиқот* раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ мебошад.

*Фарзияи таҳқиқот:* ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ба шарте таъмин шуда метавонад агар мундариҷаи фарҳангшиносии таълими тамоюли шахсиятии забони англисӣ дар асоси интегративӣ (байнифаннӣ) ба роҳ монда шавад, ба талаботи коммуникативӣ-маърифатии донишҷӯён мувофиқат намояд ва технологияҳои интихобкардашудаи педагогӣ ба фароҳамсозии муҳити фаъолиятмандӣ, интерактивӣ ва шахсиятӣ инкишофдиҳандае, ки ғанигардонии фарҳанги амалияи нутқро таҳрик мебахшад, мусоидат кунад.

*Саҳми шахсии унвонҷӯ* аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва мулоҳизаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ, ки ин имкон додааст дар заминаи муносибатҳои системавӣ-ҳамгирой, шахсиятӣ-фаъолиятӣ ва салоҳиятмандӣ проблемаи ташаккули муоширати касбии донишҷӯён дар раванди таълим дар факултетҳои ғайрзабонии муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин кори пажӯҳишӣ, тафсир ва санҷиши натиҷаҳои комёбгашта самарабахш омӯхта шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва фехрасти адабиёти истифодашуда иборат аст.

*Дар муқаддима* аҳамиятнокии мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, заминаҳои методологии масъала ва мавзӯи мавриди пажӯҳиш муайян карда шуда, дараҷаи коркарди он нишон дода шудааст; фарзия, ҳадаф, объект, мавзӯъ ва вазифаҳои пажӯҳиш ба шакли муайян дароварда шуда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии пажӯҳиш маълум карда шудааст; матолиби асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, баён гардидаанд; давраҳо ва усулҳои пажӯҳиш нишон дода шуда, оид ба санҷиш (тафтиш) маълумот оварда шудаанд.

*Дар боби аввал* «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» муносибатҳои асосӣ дар омӯзиши мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» таҳлил карда шудаанд, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои педагогии ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои техникӣ баррасӣ карда шудаанд; муносибати шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муҳити этникӣ-фарҳангӣ ва омодасозии мутахассисони ояндаи техникӣ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст.

*Дар боби дуюм* «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» масъалаҳои технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, технологияҳои компютерӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ва санҷиши технологияҳои педагогие, ки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро дар таълими таҷрибавӣ таъмин мекунанд, пешниҳод карда мешавад.

Ба фикри мо, моделсозии технологияи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо истифодаи методи интерактивӣ ва маҳз муносибатҳои субъект-субъектӣ дар байни донишҷӯ ва омӯзгор, донишҷӯ ва гурӯҳи донишҷӯён, гурӯҳҳои бо ҳам рақобаткунанда ва ҳамкорикунандаи донишҷӯён, донишҷӯ ва муҳити виртуалии компютерии бо шаклҳои гуногун ҳамчун асбоби миёнрави ҳамкорӣ бо дигар субъект, инчунин муносибатҳои субъет-субъектии донишҷӯ ҳамчун субъект бо барномаи компютерӣ ҳамчун объект басо аҳамиятнок аст.

Ба ин минвод, натиҷаҳои ҳосилгаштаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ шаҳодат медиҳанд, ки дараҷаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён аз рӯи ҳама нишондодҳои асосӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ нисбат ба санҷишӣ баландтаранд, ки ин аз самарабахшии кори анҷомдодаи муҳаққиқ дар давраи ташаккулдиҳандаи озмоиш гувоҳӣ медиҳад. Натиҷаҳои мазкур ба туфайли татбиқи модели коркардшудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни таълими муоширати ғайрзабонӣ, инчунин шароитҳои муайяни педагогӣ имконпазир гардиданд.

Аппарати методӣ ва илмии рисолаи диссертатсионӣ, мақсад, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола, дараҷаи илмӣ ва эътимоднокии таҳқиқот возеҳ нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳое, ки аз диссертатсия бармеоянд, асос медиҳанд тасдиқ намоем, ки вазифаҳои таҳқиқоти мазкур иҷро гардида, фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст ва натиҷаҳои татбиқи рисолаи илмӣ гувоҳи онанд, ки таҳқиқоти СултоноваС.А. дорои аҳамияти воқеии илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Хулоса**

Диссертатсияи Султонова С.А. таҳқиқоти пурра анҷомёфта ҳисобида шуд, натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд. Мазмун ва мӯҳтавои автореферат ва мақолаҳои

илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

Натиҷаҳои асосӣ дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф АТТ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳо таҷассум ёфтаанд, аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардида, дар 13 мақола инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР ба табъ расидаанд.

*Мутобиқати диссертатсия ба шифри ихтисос.* Диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шифри ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри тадқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои ба дастомада комиссияи экспертӣ ба хулоса омадааст, ки диссертатсияи довталаб Султонова Сурайё Абдурашидовнаро дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 206 № 505 «Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор)» ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Султонова Сурайё Абдурашидовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Оид ба диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна таъин карда шаванд:

- *ба ҳайси муассисаи пешбар* Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

- *ба ҳайси муқарризони расмӣ:*

- Неъматов Саъдуллоҷон Эргашевич; доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

- Қаршиева Гулҷаҳон Гулмуродовна номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Балхова С.Я.

Узви комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Гусейнова Т.В.

Узви комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Хоҷазод С.

Имзоҳои профессорон Балхова С.Я.,
Гусейнова Т.В. ва Хоҷазод С. тасдиқ карда мешаванд:
Мудири РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Назаров Д.К.

27.11.2020 с.